**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи интихобкардаи кори диссертатсионии Шаропов Фарух Сафолбекович бешубҳа муҳим буда, он бевосита ба ҷустуҷӯйи моддаҳои фаъоли биологӣ равон гардида аст. Химияи моддаҳои фаъоли биологии асли гиёҳӣ дошта, бисёр гуногунранг ва мароқангез мебошад. Ҷудосозии моддаҳои табиӣ, таъиди сохтори пайвастаҳои гуногуни химиявӣ, скрининги минбаъдаи фаъолияти биологии онҳо ҳамеша вазифаи таъхирнопазир барои мо олимон боқӣ мемонад.

Навгониҳои асосии кори диссертатсионии Шаропов Ф.С. чунин мебошанд:

- аввалин маротиба дар сатҳи ҷаҳонӣ таркиби химиявии метаболитҳои дуюмаи тезбухоршавандаи 13 намуди нодири флораи Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо, аз ҷумла *Allochrusa gypsophiloides*, *Anaphalis virgata, Angelica ternata, Artemisia leucotricha, Artemisia vachanica, Cercis griffithii, Ferula clematidifolia, Galagania fragrantissima, Helichrysum thianschanicum, Megacarpaea gigantea, Philadelphus purpureomaculatus, Polychrysum tadshikorum* ва *Salvia discolor* омӯхта шуданд;
- дар маҷмӯъ 662 пайвастаи химиявӣ аз таркиби равғанҳои атрии 55 намуди растаниҳо, ки аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Олмон ва Яман ҷамъоварӣ шудаанд, муайян ва тавсиф карда шуданд;
- нахустин бор махзани мукаммали маълумот оид ба 108 метаболити дуюмаи табиӣ таҳия гардид, ки дар он хусусиятҳои спектри масса, намунаи фрагментатсия, қиматҳои m/z, вақти нигоҳдорӣ ва индексҳои нигоҳдории онҳо ҷамъоварӣ шудаанд;
- таснифоти системавии пайвастаҳои асосии равғанҳои атрӣ (монотерпенҳо, монотерпеноидҳо, сесквитерпеноидҳо, лактонҳои сесквитерпеноидӣ, пайвастаҳои сулфидӣ ва ғайра) бори аввал таҳия гардид;
- хосиятҳои антиоксидантӣ, зиддимикробӣ ва зиддисаратонии равғанҳои атрӣ муайян карда шуда, таъсири синергетикии онҳо бо доруи зиддисаратонии доксорубитсин, аввалин бор ошкор карда шуд;

- қонуниятҳои сохторӣ-функсионалии вобастагии таркиби химиявӣ ва фаъолияти биологии метаболитҳои дуюма муайян гардиданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки монотерпенҳои асиклӣ ва пайвастаҳои сулфидӣ фаъолияти нисбатан суст, монотерпенҳои сиклӣ ва монотерпеноидҳо фаъолияти миёна, вале сесквитерпеноидҳо ва лактонҳои сесквитерпеноидӣ фаъолияти баланди биологӣ доранд;

- манбаъҳои нави табиии зиёда аз 100 пайвастаи фаъоли биологӣ ошкор ва тавсия шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии баланд мебошанд. Онҳоро ҳамчун махзани маълумот дар бораи равғанҳои атрӣ ва компонентҳои таркиби онҳо, манбаи ахборотӣ барои моддаҳои фаъоли биологӣ дар растаниҳо, дастури алоқамандии сохти химиявии метаболитҳои тезбухоршаванда аз фаъолияти биологии онҳо, барои истеҳсоли моддаҳои хушбуй ва равғанҳои атрӣ аз растаниҳо, ҳангоми истифодаи равғанҳои атрӣ барои таҳияи мавод дар соҳаҳои аторӣ, ороишӣ, хӯрокворӣ, қанодӣ, дорусозӣ, кимиё, тиб ва ҳангоми таълими курсҳои кимиёи органикӣ, фитохимия ва фармакогнозия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар кори мазкур, муаллиф 55 намуди растаниро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода намудааст, аммо дар автореферат оид ба идентификатсияи растаниҳо маълумоти пурра оварда нашудааст.

2. Дар автореферат раванди пурраи метаболизми моддаҳои таҳқиқшаванда возеҳ нишон дода нашудааст.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Шаропов Ф.С. дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии ба итмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он, бе шак, сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои техникӣ,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Икромӣ Х.И.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3
Тел.: (+992) 915 98 00 45,
E-mail: x_teshaev@yahoo.com

Имзои Икромӣ Х.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати ДТТ Абдуназаров А.Дж.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3
Тел.: (+992) 37 234-47-09,
E-mail: info@tut.tj

27-уми августи соли 2025